**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Абдулов Дилшод Назарович дар мавзуи “Такмили механизми идоракунии рушди босуботи истифодабарии захираҳои табиӣ Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 - Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент).**

Бояд қайд намуд, ки рушди устувори соҳаҳои ҳаётан муҳими иқтисодиёти ҳар як мамлакат, пеш аз ҳама ба истифодаи самараноки захираҳои мавҷудаи табиии он вобастагӣ дорад.

Тавре маълум аст, Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои бузурги табиӣ, аз қабили замин, захираҳои обӣ, канданиҳои фоиданок ва ғ. буда, барои рушди тамоми соҳаҳои муҳими хоҷагии халқи мамлакат ва ба ин васила дар таъмини сатҳи некуаҳволии сокинони кишвар заминаи мусоид фароҳам меорад. Аз ин рӯ, мавзуи интихоб намудаи муҳақиқ Абдулов Дилшод Назарович (Такмили механизми идоракунии рушди босуботи истифодабарии захираҳои табиӣ Тоҷикистон) дар шароити дигаргуншавии сохти геологӣ ва физиологии захираҳои табиии Ҷумҳурии Тоҷикистон саривақтӣ ва муҳим арзёбӣ мегардад.

Бояд қайд намуд, ки мазмуни автореферат ба мақсад ва вазифаҳои гузошташудаи таҳқиқот мутобиқ мебошад. Дар автореферат як зумра назарияҳои муосири илмӣ ва амалӣ оид ба механизми идоракунии рушд ва истифодабари захираҳои табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ташаккули модели идоракунии рушди босуботи истифодабарии захираҳои табиӣ, маблағгузорӣ ва нигоҳдории муҳити зист, партовҳо ба ҳавои атмосферӣ аз корхонаҳои саноатӣ, ва масоҳати заминҳои таназзулёфта ва чораҳои андешидашуда дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон инъикос ёфтааст, ки муҳтавои асосии диссертатсияро ифода мекунад.

Муҳаққиқ дар автореферат вобаста ба механизми ташаккули модели идоракунии рушди босуботи истифодабарии захираҳои табиӣ қайд менамояд, ки модели механизми ташаккули менеҷменти муосир ба он ишора мекунад, ки дар асоси қонунгузории давлатӣ, паст намудани сатҳи андозҳо, ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ, ҷалб кардани захираҳо ба саноат ва дигар масъалҳои ба он монандро доир ба азхудкунии захираҳои табиӣ метавонад бо пуррагӣ ҳал намояд.

Тибқи таҳлилҳои диссертант дар солҳои 2021-2022 дар таркиби сохтори ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии вилоят ҳиссаи бахшҳои

асосӣ, аз ҷумла электроэнергетика 41,3 фоиз, сузишворӣ 0,5 фоиз, кимиё ва коркарди нафт 0,3 фоиз, мошинсозӣ, коркарди филизот ва электротехника 1,8 фоиз, саноати масолеҳи сохтмон 18,3 фоиз, саноати сабук 22,0 фоиз, хӯрокворӣ 10,1 фоиз, металҳои ранга 4,4 фоиз ва дигар бахшҳои саноат 1,3 фоизро ташкил дод (саҳ. 22).

Диссертант ба чунин хулоса омадааст, ки мавҷуд будани иқтидорҳои зиёди истеҳсолӣ, захираҳои озоди меҳнатӣ, ашёи хоми маҳаллӣ, канданиҳои фоиданок, масолеҳи сохтмонӣ ва ғайра имконият медиҳад, ки дар натиҷаи истифодаи самаранок ва оқилона истифода намудани онҳо вилоят дар ояндаи наздик ҳамчун як минтақаи саноатию аграрӣ муаррифӣ гардад.

Бояд қайд намуд, ки дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ дар автореферати мазкур баъзе камбудиҳо ба монади баъзан хатогиҳои техникӣ, услубӣ ва имлоӣ ба чашм мерасанд, ки ба инобат гирифтани онҳо арзишмандии таҳқиқоти минбаъдаи диссертантро афзун мегардонанд

Дар маҷмуъ, автореферати кори диссертатсионии Абдулов Дилшод Назарович дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии рушди босуботи истифодабарии захираҳои табиӣ Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 - Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муҳаққиқ барои соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ сазовор мебошад.

Тақриздиҳанда
н.и.и., дотсенти кафедраи менеҷменти
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Олимов С.И.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯч. Саид Носир, 33. АИДНПҶТ
Тел:987-27-67-00, E-mail: olimov.sadi@mail.ru

“Имзои номзади илмҳои иқтисодӣ,
дотсент Олимов С. -ро тасдиқ мекунам”
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси
АИДНПҶТ Ҳамидов Ш.Б.